**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2014**

## АДАБИЁТШИНОСӢ

**УДК: 4 тадж.(04)+4+2 афг.**

**ВАҲОБОВА Н.** [1]

# МАЗМУНУ МУНДАРИҶАИ ҚАСИДАҲОИ ИБРОҲИМИ ХАЛИЛ

Муҳаммадиброҳими Халил (1896-1988)- яке аз шоирони маъруфи даризабони Афғонистон, бо эҷоди ғазал, рубоӣ, қитъа ва қасида соҳиби шухрати хос шудааст. Қасидаҳояш мавзуҳои гуногунро дар бар мегиранд. Дар ин мақола ду навъ қасидаҳои шоир мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Яке- он қасидаҳое, ки чун ҳабсия эҷод шудаанду ҳаёти талху тоқатфарсои худи шоирро дар зиндон баён мекунанд. Дигаре – он қасидаҳое, ки ифодагари ақидаҳои ватандӯстии Муҳаммадиброҳими Халил мебошанд.

**Калидвожаҳо:** Иброҳими Халил, қасида, ҳабсия, зиндон, зиндониён, Балх, Кобул, Афғонистон, шикоят, ватан, ватандӯстӣ, шаҳр, шеър, шоир, некбинӣ, зебоӣ .

Ба яке аз машҳуртарин шаклҳои шеъри классикии мардумони форсизабон–қасида аз асрҳои IX-X то имрӯз, садҳо шоирони гуногунистеъдоду гуногунандеша ва дар адабиёт мақому мавқеи ҳархела дошта рӯ овардаанд Онҳо гоҳе ба хотири нигаҳ доштан мавқеи муайяни аллакай ҳосил намудаи анъанаи қасидасароӣ ва ё гоҳе ба хотири санҷиши маҳорати шоирии худ дар ин бахш ва гоҳе ба хотири ягон зарурате қасидаҳо офаридаанд. Ин аст, ки хазинаи ғании назми форс-тоҷикро бо қасидаҳои машҳурашон Рӯдакӣ (858- 941), Фаррухӣ (980-1037), Манучеҳрии Домғонӣ (ваф. 1040), Носири Хисрав (1004-1088), Масъуди Саъди Салмон (1046-1121), Адиб Собири Тирмизӣ (1078-1147), Сӯзанӣ (1091-1173), Ҳоқонӣ (1120-1198), Анварӣ (1126-1190), Саъдии Шерозӣ (1203-1292), Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325), Ҳофизи Шерозӣ (1321-1389), Алишер Навоӣ (1441-1501), Саноӣ (1500-1588) ва мисли инҳо ниҳоят бой намудаанд. Шумораи он шоироне, ки дар қасидасароӣ машҳур нашуда бошад ҳам, вале ягон миқдор қасида эҷод кардаанд, кам нестанд. Яъне қасида ҳамеша як бахши хурд ё калони эҷодиёти ин ё он шоирро фаро гирифтааст. Ҳамин анъанаи зинда нигоҳ доштани эътибори қасида буд, ки Иброҳими Халил низ дар солҳои гуногун як силсила қасидаҳо офаридааст. Қасидаҳои устод аслан мавзуҳои анъанавиро дар бар мегиранд ва ба фаслҳои сол, душвориҳои зиндагӣ, мушкилоти зиндон, ёдбуди шахсиятҳои барҷаста, сафарҳо, бунёди ягон иморате ва ғайра бахшида шудаанд. Ин қасидаҳо аз ҷиҳати ҳаҷм, мавзӯъ ва ҳадаф мухталифанд ва қимату аҳамияташон низ ба як андоза нест, вале ҳамчун сарчашмаи пур аз маълумотҳои ба адабу фарҳанг тааллуқ дошта хеле муфиданд. Бештари ин қасидаҳо, ки ба шоирони шинохтаи форс-тоҷик бахшида шудаанд,

[1] Адрес для корреспонденции: Вахобова Назира – кандидат филологических наук, старший научный сотрудник Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия АН РТ, г. Душанбе, ул. Лоика Шерали, дом № 83. Тел: 901. 11. 4. 00 . 224-74-24.

ифодакунандаи эҳтиром ва қадрдонии беандозаи Иброҳими Халил ба нобиғаҳои адаб мебошад.

Муҳаммадиброҳими Халил даҳ соли умри худро дар зиндон гузаронидааст. Азобу шиканҷаи зиндон, бадтарин шароити зисти зиндониён, муносибати бераҳмона ба маҳбӯсон ва мисли инҳоро шоир бо чашмони худ дида аз сар гузаронидааст. Ӯ ҳамчун шоҳиди ҳар гуна рӯйдодҳои олами пурдаҳшати зиндон муҳити зиндонро хело бо тафсил баён кардааст. Аз ашъори ба зиндон бахшидаи шоир равшан мегардад, ки ӯро бе гуноҳ зиндонӣ кардаанд. Дар яке аз чунин шеърҳо шоир илтиҷо ба Худо дорад. Аз Худованд ӯ зистанро не, балки мурданро илтиҷо дорад, зеро дигар тобу тоқати азоби зиндон надорад:

Худоро, эй муҳити нотавонкуш соз тӯфоне,
Ба гирдоби ҳаводис чанд месозӣ сарозерам.
Ба зудӣ рас, Худоро, эй аҷал, акнун ба сар вақтам,
Ки муштоқи ту дар зиндон Халилосо ман аз дерам [1, 33].

Ду қасидаи Иброҳими Халил, ки дар онҳо тасвири зиндон мақоми аввалро дорад, яке «Дар шикояти зиндон» ном дошта соли 1314-и шамсӣ (1936-и масеҳӣ) ва дигаре «Дар шикояти ҳол ва шарҳи пурмалоли зиндагӣ» унвон гирифта, соли 1317-и шамсӣ (1939-и масеҳӣ) навишта шудаанд. Қасидаи «Дар шикояти зиндон», ки бо байти:

Ба ҷон омад дилам ёрон ба кунҷи пурғами зиндон,
Насиби ҳеҷ кас, ё Раб нагардад як даме зиндон [1, 31].

оғоз меёбад, бо баъзе хусусиятҳои худ бисёр ҷолиби диққат аст. Шоир даҳшати зиндонро аз сар гузаронида, аз Худованд илтиҷо мекунад, ки касеро гирифтори зиндон накунад. Дар ин қасида ташбеҳоте ба назар мерасанд, ки аз санъати баланди шеърофарии шоир дарак медиҳанд. Шоир рӯзи сиёҳи зиндониёнро бо лаънатхонӣ нисбат ба зиндондорон ифода накардааст. Қасидаро хонда, хонанда оҳиста- оҳиста худ хаёлан вориди зиндон мешавад ва дар ҳар қадам ӯро даҳшатҳои нави зиндон интизоранд. Вақте ки шоир дар тасвири зиндон» дили мумсик» ва «чини ҷабҳаи зоҳид» барин ибораҳоро истифода мебарад, таъсири сухани ӯ боз бештар афзоиш меёбад:

Ба монанди дили мумсик, чу чини ҷабҳаи зоҳид,
Нагардад рӯзу шаб мафтуҳ боби маҳкуми зиндон [1, 31].

Тарзи баён тавре ба назар мераспад, ки гӯё шоир бисёр осуда аст ва баъзан чунин менамояд, ки сухан дар бораи зиндон намеравад. Вале ҳамин ботамкинона шикоят кардан чи гуна қувваи таъсир кардан дорад. Албатта, маълум аст, ки зиндон ҷои роҳату осудагӣ нест, вале зиндониҳо низ на ҳамаашон ҷинояткори ашадӣ мебошанд. Тамоми муҳити зиндонро шоир ба гӯри танг ташбеҳ додааст. Зиндониёнро бошад чун зинда дар гӯр будагон тасвир намудааст:

Чӣ гӯям ҳоли сахти зиндадаргӯрони зиндонӣ,
Фишори қабр мебинанд доим аз ғами зиндон.
Дуояш оҷиз аз таъсиру хобаш орӣ аз таъбир,
Чӣ найранг аст, ё Раб, дар тилисми мабҳами зиндон.
Чӣ сон афтода дар чанги ҳаводис доманам, ё Раб?
Ки андар хоб ҳам н-оям бурун аз олами зиндон [1, 31].

Шоир бисёр ҳам аз наздик аз кору бори зиндон огаҳӣ ҳосил карда, ба чандин паҳлуҳои фаъолияти зиндону зиндониёну зиндонбонҳо хуб ошно шудааст ва ишора ба он мекунад, ки дар бораи зиндон ҳама гуна тасаввурот

нопурра мемонад ва танҳо ҳамон вақт ошноӣ пурра ҳосил мешавад, ки кас бинаду худ зиндонӣ шуда «лутфу марҳамати» зиндонро бо чашмони худ бо дилу ақли худ эҳсос кунад. Вай гӯшрас мекунад, ки зиндон садҳо тариқи азият додани зиндоншудагонро дорад:

Чу доми зулфи хубон баски пурпеч аст асрораш,
Наяфтад то ба бандаш касс, нагардад маҳрами зиндон [1, 31].

Қасидаи «Дар шикояти зиндон» аз ду қисм иборат аст. Дар қисми дуюм низ шикояти шоир ба назар мерасад ва, албатта, ин табиист, ки касе аз зиндоншудагон зиндонро ҳеҷ гоҳгӯшаи фароғат тасвир намекунад, лекин вақте аз забони Иброҳими Халил тасвири зиндонро мешунавем, бешак, тахмин мекунем, ки ин марди далер бо чи қадар матонату тоқат бори вазнини маҳбусиро кашидааст. Бе муболиға метавон гуфт, ки агар нисбат ба вазъи зиндонҳои Афғонистон дар нимаи аввали асри XX маълумоте гирифтанӣ бошем, кофист, қасидаҳои ба зиндон бахшидаи Иброҳими Халилро варақ занем. Солҳои дар зиндон умр ба сар бурдани шоир, бешак сахту душвор буданд. Азобу шиканҷаи зиндон поён надошт, вале дар ҳамин гуна ҳолат ҳам ӯ зиндадилиро аз даст надодааст. Вагарна аз он чизе, ки ӯро иҳота карда буду онро ӯ ба қалам додааст, ягон хел некбинӣ намоён нест:

Ҷароҳат бар ҷароҳат мефазояд мо асиронро,
Дами шамшер бошад бе такаллуф ҳар дами зиндон.
Надидам як дилеро бе шикоят лаҳзае ин ҷо,
Парешонӣ бувад аз рӯзи аввал тавъами зиндон.
Тавонфарсою тоқаткаш бувад азбаски ғамҳоям,
Забон чун Зол мегардад ба рӯзи Рустами зиндон.
Аҷаб набвад азизон дар ҷавонӣ пир агар гаштам,
Ки бар ман бигзарад монанди соле ҳар дами зиндон.
Сабуриву хамӯшӣ пеша кун, аз шиква лаб барбанд,
Намеояд, Халило, дар қалам шарҳи ғами зиндон [1, 31].

Муҳаммадиброҳими Халил дар давоми даҳ соли дар зиндон маҳбус будан (1931-1941) борҳо ба даст қалам гирифта, лаб аз шикояти зиндон кушодааст. Вақте ки соли 1939 қасидаи «Дар шикояти ҳол ва шарҳи пурмалоли зиндагӣ»-ро менависад, дар оғози он матлаби зикр шударо ёдовар мешавад:

Боз аз таклифи зиндон шиква хоҳам сар кунам,
Оламеро чашм бар мазлумии худ тар кунам.
Аз мусибатҳои зиндону машаққатҳои ӯ
Сурати мурғи қафас ҳар лаҳза шӯру шар кунам.
Ҷомаи сабру таҳаммулро дарам бар ҷон чу гул,
Ҳамчу булбул ҷомаи бетоқатӣ дар бар кунам [1, 32].

Маълум мешавад, шоир бисёр мардонавор мушкилоти зиндонро аз сар мегузаронидааст. Дили ӯ пур аз аламу ҳасрат аст ва ҳамин аламу ҳасратро такрор ба такрор мегӯяд. Вале бояд гуфт. ки ба ҳама ин душвориҳои ҷисмонию руҳии вай худро оҷизи имдодталаб нишон намедиҳад. Ба касе ҳам мурочиат намекунад ва ин на танҳо аз он сабаб аст, ки аз ягон ҷое мадад намерасад ва ӯ медонад, ки расиданаш имконе надорад, балки қабл аз ҳама аз он аст, ки вай ғуруре дорад, намехоҳад бо кадом навъе ва дар кадом вазъияте, ки набошад, сар назди нолоиқҳо поён кунад. Он чӣ дар қалбу дар зеҳни шоир зиёд аст, ин некбинии ӯст, ки дар ҳар сатри қасидаҳояш ошкору ниҳон ёфтан мумкин аст. Ин ба он маъно ва аз он лиҳоз, ки баробари шикоят аз душвориҳо

илтиҷое ба касе надорад. Ҳатто борҳо ба Худо рӯ оварда бошад ҳам, ба ғайр аз арзи дар айни ҳол нотавонӣ дигар чизе нест, яъне зорию тавало надорад, ки Худо ӯро аз ин азобу кулфат раҳо диҳад. Манзараи даҳшатангези зиндон ва дар он муҳити холӣ аз оддитарин осудагӣ чи ҳол доштани худро шоир ин тавр ба қалам додааст:

Зиндагӣ азбаски бар ман талх гашта дӯстон,
Ҳардаме худро муқобил дар дами ханҷар кунам.
Шиддати гармию зиқи манзилу кайку хасак
Кай гузорад, то даме ором дар бистар кунам…
Ҷонам аз нам баски фарсуду шудам зору заиф,
Бар тани худ ҳар сари мӯро гумон наштар кунам…
Нола аз таклифи сардию рутубатҳои дӣ,
Ё зи табхири зуғолу дуди чӯби тар кунам.
Шал шуд аз осеби завлона ду поям бесабаб,
Ҷабри ин нуқс аз куҷо? Эй маъдалатпарвар кунам.
Қатраи хун пашшаву кайку халак нагзошта,
Дар вуҷудам то дами теғи аҷалро тар кунам.
Гиря сангу чӯбро ояд ба ҳоли зори ман,
Як ба як гар моҷарои хештанро сар кунам… [1, 32].

Ҳар як мисраи қасидаи «Дар шикояти ҳол ва шарҳи пурмалоли зиндагӣ» ҷисму ҷони хонандаро таккон медиҳад. Магар мумкин аст, ки хонанда чунин мисраҳоро ба мисли:

Аз ғами бемориву нодориву ифлосу яъс,
Гар кашам як нола гӯши нуҳ фалакро кар кунам…
Аз дили пурдарди оташбор агар оҳе кашам,
Тира чун шаб рӯзгори гунбади ахзар кунам [1, 32].

аз назар мегузаронад, ба пуртоқатӣ ва иродаи қавии шоир аҳсан нагуфта наметавонад. Ва баробари ин афсӯс аз он мехӯрад, ки чунин як истеъдоде дар зиндон бо кашидани азоби ношунидани маҳв мешаваду касе ба имдодаш намерасад. Аз ҷониби дигар пурра ҳамфикр бо шоир ҳастем, ки бе бозгашт будани умрро ёдовар мешаваду илова мекунад, ки дар ҳолати бозгашт низ нерӯи пештар доштааш намемонад. Яъне ӯ худ бештар ҳайфу беҳуда гузаштани чандин солҳои беҳтарини зиндагиашро таъкид мекунад, ки оҳанги ноумедии он хеле ҳам таъсирбахш аст:

Фарз кардем боз оби рафтаам ояд ба ҷӯй,
Кай чу нахли хушк дигарсоз баргу бар кунам. . .
Ман чунин олудаву он остони қудситон,
Пас кушуди кори худро аз куҷо бовар кунам [1, 32-33].

Дар охир шоир маргро дар чунин ҳолат ба худ раво мебинад, вале аз касе марҳамате намеҷӯяд, зеро ҳам ғурураш намегузораду ҳам медонад, ки чун адолат нест аз куҷо марҳамате меояд:

Гар кунун ҳам марг дарёбад маро, шодам Халил,
То ба некӯэътиқодӣ тайи ин маҳзар кунам [1, 32].

Муҳаммадиброҳими Халил бо мамлакатҳои гуногун сафар кардааст ва аз тарзи зиндагии мардумони чандин кишварҳо бохабар шудаст. Дар мамлакатҳои Осиёву Аврупо мардум ба чи гуна пешравиҳо ноил шудаанд ва чи навъ фароғату чи мушкилиҳо доранд, медонад ва тахмин карда метавонем, ки мамлакатҳои дигарро бо ватани худ, зодгоҳаш Афғонистон муқоиса намудааст. Дар ин муқоисаҳо, новобаста аз он, ки бартариеро дар

мамлакатҳои дигар нисбат ба ватани худ дидааст, ё не, Афғонистон – ин кивари кӯҳсор барояш ниҳоят азиз ва ниҳоят зебою дилкаш аст. Ду қасидаи шоир – яке «Дар сафари Аврупо ба ёди Кобул» ва дигаре «Қасидаи Балх», аз ҷумлаи он осори назмии шоиранд, ки аз тариқи онҳо мо нисбат ба ватани хеш меҳру муҳаббати бепоён доштани Иброҳими Халилро барало мушоҳида менамоем. Қасидаи «Дар сафари Аврупо ба ёди Кобул» мисле ки аз унвонаш бармеояд, васфи Кобулро дар бар мегирад, вале пӯшида нест, ки ин ҷо Кобул чун тамоми Афғонистон омадааст. Мисраи аввали қасида «Кучои эй ватан, эй рашки гулзори Ирам-Кобул» ба ин гувоҳ аст. Ҳамин тариқ аз оғози қитъа мебинем, ки шоир ватанашро аз боғи Ирами Шаддод низ беҳтару зеботар медонад. Дар оғоз шоир пазмони ватан шуданашро бо ҳасрат таъкид намуда, бо дӯстдории зиёд зебоии онро васф мекунад:

Ба шавқи дидани рӯят гиребон чок месозам,
Ба доманҳои поки кӯҳсоронам, қасам, Кобул.
Ҳавои софу зебову фазои дилкашу хубат,
Фараҳбахш аст чун симои арбоби карам, Кобул [1.-225].

Баъдтар, гаштаю баргашта дар назари шоир манзараҳои зебои ватанаш ҷилвагар мешаванд. Ба хотири ҳар чи бештар ифода намудани эҳсоси дӯстдориаш ва пазмон шуданаш, аз муносибати бараҳман ба бути сангин ёдовар шуда, андозаи парастиши ватанро дар муқоисаи худу бутпараст дидааст:

Ба қадри фикри худ ҳар кас писандидаст дилдоре,
Бараҳманро бути сангу маро бошад санам, Кобул.
Ба ранги сабза аз хоки сафонокат шавад зоҳир,
Латофат ҳар куҷо сарро гузорад дар адам, Кобул [1.-225].

Шоир аз ватани худ меболад, онро дар зебоӣ, хушбодуҳавоӣ ва роҳатбахшӣ беҳамто медонад ва ҳар куҷое ки бошад аз он мефахрад:

Зи номат сарбаландӣ дар ҷаҳон дорему меҳоҳам
Ба номи нек бошӣ дар ҳама олам алам, Кобул.
Ту будӣ Ориёноро нахустин маркази шавкат,
Суруди Ориёноро ту додӣ зеру бам, Кобул.
Зи бас ҳар гӯшаат ободу сабзу пурраёҳин аст,
Намебошад назират дар Араб ҳам дар Аҷам, Кобул.
Бувад хоки сафобори ту айни обрӯи мо,
Илоҳо дар ҳама офоқ бошӣ муҳтарам, Кобул [1.-225].

Чун ба ин қасида бодиққату бештар менигарем, ба осонӣ пай мебарем, ки берун аз ватан шоир ҷисман будаст, вале тамоми фикру хаёлаш ба дурусттар дидан, зиёдтар муҳаббат изҳор кардан, аз дилу ҷон қадрдонӣ намудан ва ҳамеша дар оғӯши ватан будан банд аст. Берун аз ватан мавриде шудааст, ки шоир ҳар чӣ дар қалби худ нисбат ба ватан дорад, онро ба забон орад. Фикри ободию сарбаландии ватан, ёди ватан ва ҷудоӣ аз ватан барои шоир, барои як фарди, дар воқеъ, ватандӯст ниҳоят ташвишу ноороми ва парешонӣ овардааст ва ин, албатта аз он сабаб аст, ки ӯ нисбат ба зодгоҳаш чун тамошобини бетараф нест. Шоир дар дурӣ аз ватан барои худ ҳар навъ хулосаҳо баровардааст. Вай акнун орзуи зуд ба ватан баргаштан ва дигар берун аз вай қадам нагузоштанро мекунад:

Зи ҳаҷрат баски дилтангам, ба васлат гар шавам ноил,
Намонам пой берун аз ҳаримат як қадам, Кобул.

Шудам чун мубталои дурият, шудф собиту зоҳир
Ки дар чашмам намеояд дигар ҷо як қалам, Кобул [1,-225].

Аз мамолики мухталиф мардуми зиёде бо ҳавас орзуи дар Швецсария истироҳат карданро доранд. Иброҳими Халил низ ин орзуро карда, ба ин кишвари зебо меравад, то муддате фароғат дошта бошад, вале Швецсария бо ҳамаи гӯшаҳои сеҳрангезу дилкашаш натавонистааст шоирро мубталои худ намояд. Шоир чун ёди ватан мекунад, ҳама чиз барояш беранг ва ҳама нӯшиданию хӯрданӣ дар даҳонаш талх менамояд. Вақте ки вай ин ҳолро тасвир мекунад, дар воқеъ, пеши назар симои ватандӯсти воқеиро дидан мумкин аст:

Пайи тафреҳ рафтам дар Свис, аммо дар он ҷо ҳам,
Асал дар коми ҷонам талхтар омад зи сам, Кобул [1.-225].

Ин ҷо боз дигар чизро низ шоир таъкид мекунад, вай танҳо дар мусофират, танҳо дар ҳамин аёме, ки бузург шудаасту аз ҳама чиз огоҳ аст, не, балки аз овони кӯдакӣ дилбохтаи ватану зебоиҳои он мебошад:

Асири сумбулистони ту буду ҳасту мебошад,
Халил аз аҳди тифливу ҷавонӣ то ҳарам, Кобул [1.-225].

Шоир илова бар он, ки аз нороҳатии дур аз ватан шикоят мекунаду зебоиҳои ватанашро боз зеботар тасвир менамояд, боз дуои онро кардааст, ки ватанаш ҳамеша сар ба боло блшад. Бадхоҳони ватанро ба Худованд месупорад:

Бувад ҳар кас, ки бадхоҳат, вуҷудаш баркушад Эзид,
Зи дорулмулки ҳастӣ дар биёбони адам, Кобул.
Накӯхоҳат бувад ҳамчун асоси адли побарҷо,
Бадихоҳат зи по афтад чу бунёди ситам, Кобул [1.-225].

Ҳамин тариқ, Муҳаммадиброҳими Халил мисли бисёр дигар шоирони ватандӯсти Афғонистон дар қасидаи худ ишора ба он мекунад, ки ҳар солимфикру бовиҷдон бояд ватани худро, кадом навъе ки бошад, дӯст дорад ва дар куҷое, ки бошад, аз қалби худ лаҳзае ҳам ишқи ватанро берун накунад, парастишашонро барои худ ҳатмию муқаддас донад.

Дигар қасидаи Муҳаммадиброҳими Халил, ки ба шаҳр бахшида шудааст, мисле ки болотар ёдовар шудем, «Қасидаи Балх» мебошад. Ин қасида аз 53 байт иборат буда, соли 1944 иншо шудааст. Аз аввалин мисраҳо маълум мешавад, ки ин қасида пас аз чанд муддат, ки шоир дар Балх зиндагӣ кардааст, иншо шудааст, на дар рӯзҳои дар он ҷо будан, инро шоир ҳам бо назму ҳам бо наср ишора кардааст. Маълум мешавад, ки дар Балх рӯзҳоро басо бо фароғату хушӣ гузаронидааст. Пеш аз оғоз ёфтани қасида бо наср «ин қасидаро ба ёди рӯзгорони хуш суруда шуд» гуфтани шоир низ гувоҳи матлаби болоист. Худи қасида низ бо ҳамин матлаб шурӯъ мешавад:

Ёд бод он рӯзгори хуш, ки дар гулзори Балх,
Аз навои шавқ будам, андалеби зори Балх.
Месурудам нағмаи ишрат ба оҳанги нишот.
Мешумурдам беҳтар аз гулҳои бустон хори Балх.
Ёд бод он дам, ки дил аз шавқ дар парвоз буд,
Сӯи хоки поки атромези амбарбори Балх [1,-153].

Ба боқимонда бахши қасида ҳанӯз эътибор надода, ба як мисраи порчаи болоӣ «Мешумурдам беҳтар аз гулҳои бӯстон хори Балх», диққат диҳем, ба осонӣ ба чунин хулоса меоем, ки шаҳри Балх, ки бо номи Мазори Шариф

машҳур аст, на бо бузургии масоҳат, на бо шумораи зиёди нуфуз ва мисли инҳо, балки пеш аз ҳама ҳамчун як пораи хоки ватани шоир, ҷолиб шудааст ва баъдан ба хотири шахсиятҳои бузургу мазорҳою ҷойҳои муқаддасаш. Бо ҳамин як мисраъ ватанпарвари воқеӣ будани худро шоир исбот мекунад. Шоир нисбат ба воқеаҳои таърихию шахсиятҳои таърихӣ, ки бо Балх ягон муносибате доранд, ёдовар шуда мақому мартабаи ҳар якеро то ба ҳамон сатҳе, ки меарзанд, баён мекунад. Аз ҷумла:

Кист он руҳи муҷассам? Кист он ҷисми шариф?
Кист он шоҳаншаҳу он сарвару сардори Балх?
Ҳазрати шоҳи вилоят, шери Ядон Булҳасан,
Боби илму кони раҳмат матлаъи анвори Балх.
Он ки бошад Ибни Аму ёру домоди Расул (с),
К-аз вуҷудаш раҳмату файз аст пойдевори Балх.
Чорумин даври халифат аз вуҷудаш муфтахир,
Ҷисми поки файзбахшояш гули дастори Балх [1.-153].

Шоир Балхро яке аз аввалин шаҳрҳо мешуморад ва нисбат ба ин андешааш ҳеҷ шакку шубҳа надорад:

Шоҳиди таърихӣ овардан зарурат нест чун,
Аз нахустин шаҳр будан кас накард инкори Балх [1.-153].

Шаҳри Балх ҳамчун яке аз марказҳои илму маърифат диққати шоирро ба худ ҷалб намудпааст. Дар як силсила шеърҳои Иброҳими Халил чи аҳамият ва чи нақше дар зиндагии мардум ва пешравии ҷомеъа дорштани илм дарҷ шудааст. Барои ҳамин ҳам дар ин қасида, чун боз дар як мавриди муносиб, аз илму маърифат сухан оғоз мекунад ва бо ифтихор мегӯяд:

Мояи фахранд чун арбоби илму маърифат,
Пас кунам зикри бузургони баландафкори Балх.
К-аз фуюзи ин завоти аҳли тақвию улум,
Илм меояд бурун аз чашмаи саршори Балх.
Ибн Абдуллоҳуа Буҳафсу Аҳмаду Ибни Зарин,
Бо Абуабдуллаҳу Булқосиманд аҳрори Балх…
Мавлавию Ибни Синову Исому Буматеъ,
Кони файзу нури ирфонанд дар кухсори Балх [1.-154].

Чандин шоирону донишмандони шуҳратманд дар Балх зиста, бо ашъори худ шуҳрати ин шаҳрро боло бурдаанд, ки чанде аз онҳоро Иброҳими Халил дар ин қасидааш ёдовар шудааст:

Аз Дақиқиву Мафиду Бушакуру Унсурӣ,
Дар ҷаҳон бигрифта ному бартарӣ ашъори Балх.
Чун Ҳамиддину Расих, чун Каҷуливу Шаҳид,
Бас суханвар бингарӣ, гар во кунӣ тумори Балх.
Шукри лилаҳ чун фаровонанд аз ҳадди шумор,
Аҳли илму фазлу шеъру орифу ахёри Балх.
Бо ду олам шавқи суҳбат, баъд аз он ёд оварам,
Аз муосир ҳамнавоёни шакаргуфтори Балх.
Хастаю Миру Низору РамзивуБадрӣ бувад,
Ҳам Сипоҳиву Рақим ашхоси хушрафтори Балх [1.-154].

Муҳаммадиброҳими Халил ба ҳар ҷое, ки сафар кардааст, бо ҳамон дилгармие, ки ҳар як шахси инсондӯст дорад ба атрофии худ назар мекунад. Чун як фарди фарҳангдӯст, чун як ошиқи ҳақиқии инсону табиат ба ҳамаи он чизе, ки табъи инсонро хуш мекунаду ғурурашро бештар бедор мекунад,

ифтихорашро афзун менамояд ва умуман роҳату лаззат мебахшад, эътибори хос медиҳад. Шоир бо он қасидаҳое, ки ба шаҳрҳои Кобулу Балх бахшидааст, агар аз як тараф соф эҳсоси худ ва муҳаббату муносибати худро ба чунин шаҳрҳои таърихи ғанӣ дошта ифода карданӣ бошад, аз тарафи дигар ин хитобест ба ҳамаи онҳоест, ки ба қадри инсон, офаридаҳои инсон, мӯъҷизакории ӯ ва ҷаҳонороии ӯ намерасанд. Аз чунин қасидаҳои шоир оҳанги зиндадилӣ, некбинӣ ва дӯстдорӣ ба гӯш мерасад.

**Адабиёт**


1. Иброҳими Халил. Куллиёт (иборат аз 18 боб). Кобул, 1969.
2. Кондырев Н. Б. Касыда. БСЭ, том 11, М. 1973, с. 513
3. Тоиров У. Қасида. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 3, Душанбе, 2004, с. 415-417



**ВАХОБОВА Н.**


## СОДЕРЖАНИЕ КАСЫД ИБРАГИМА ХАЛИЛА


Мухаммадибрагим Халил (1896-1988) один из лучших позтов Афганистана, благодаря своим многочисленным оригинальным газелями, рубаи, кит'и и касыдам приобрел широкую известность в своей стране а также в Иране и Таджикистане. Касыда занимает особое место в творчестве поэта. Тематика его касыд весьма разнообразна. В данной статье рассматриваются только те касыды, которые известны как «тюремные стихи», затрагивающие социальные проблемы и патриотические взгляды автора.



**Ключевые слова:** Ибрагим Халил, касыда, тюремные стихи, тюрьма, тюремщики, Балх, Кабул, жалоба, родина, патриотизм, город, стихотворение, поэт оптимизм, красота.



**VAHOBOVA N.**


## IBRAHIM KHALIL'S QASIDAS CONTENT


Muhammadibragim Khalil (1896-1988)- one of the best poets of Afghanistan, thanks to his original numerous gazelles, rubai, kitas and qasidas he became widely known in the country as well as in Iran and Tajikistan. Qasida occupies a special place in the poet's work. His qasidas are dovoted to the various themes. This article discusses only those qasidas which are known as» prison poems» affecting social problems and those expressing his patriotic views.



**Keywords:** Ibrahim Khalil, qasida, prison poetry, prison, prisoners, Balkh, Kabul, complaint homeland, patriotism, city, poem, poet, optimism, beauty.